**аз 07.01.2022, №2-ф**

Дар бораи шакли электронии огоҳиномаи
ташкилоти қарзии молиявӣ дар бораи иҷро
накардани (қисман иҷро кардани)
супоришномаи пардохтии андозсупоранда ва
супоришномаи инкассавии мақомоти андоз
ва тартиби интиқоли электронии он

070.030.010.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 125 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Шакли электронии огоҳиномаи ташкилоти қарзии молиявӣ дар бораи иҷро накардани (қисман иҷро кардани) супоришномаи пардохтии андозсупоранда ва супоришномаи инкассавии мақомоти андоз ва тартиби интиқоли электронии он тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1 ва 2).
2. Фармоиши мазкур бо Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намоянд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Замимаи 1
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____»_________ соли 2022,
№___

_________________________
номи мақомоти андоз

Шакли электронии огоҳиномаи ташкилоти қарзии молиявӣ дар бораи иҷро накардани (қисман иҷро кардани) супоришномаи пардохтии андозсупоранда ва супоришномаи инкассавии мақомоти андоз

_______________________________________ қарори мақомоти андоз дар
(Ташкилоти қарзии молиявӣ)
бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкии __________________________ , (РМА_______________) аз ____________,
(номи андозсупоранда) (рӯз , моҳ ва сол)
№____, супоришномаи инкассавиро аз __________, № ____ ва санади
(рӯз, моҳ ва сол)
муқоисавии тасдиқшударо аз ___________, № ____ мавриди амал қарор дод.
(рӯз, моҳ ва сол)

Дар робита ба иҷрои қарор ва супоришномаи инкассавии зикргардидаи мақомоти андоз ҷиҳати ситонидани маблағи қарзи андозҳои _________________ чунин иттилоъ медиҳем.
(номи андозсупоранда)

| № | Маълумот дар бораи иҷро накардани (қисман иҷро кардани) қарор ва супоришномаи инкассавии мақомоти андоз | Қайди дахлдор |
|---|---|---|
| 1. | Пурра иҷро гардидани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз | Маблағ (боркунии нусхаи супоришномаҳои инкассавии иҷрошуда) |
| 2. | Қисман иҷро кардани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз бинобар сабаби нокифоя будани маблағҳои пулӣ дар суратҳисоби бонкии андозсупоранда | Маблағ (боркунии нусхаи супоришнома ба маблағи қисман иҷрошуда, берунневиси суратҳисоби |

| | | |
|---|---|---|
| | | бонкӣ, маълумотнома оид ба хароҷотҳои андозсупоранда аз рӯи музди меҳнат ва дигар пардохтҳои ба он баробаркардашуда) |
| 3. | Иҷро накардани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз бинобар сабаби дар суратҳисоби бонкии андозсупоранда мавҷуд набудани маблағи пулӣ | Қайд (боркунии беруннависи суратҳисоби бонкӣ, маълумотнома оид ба хароҷотҳои андозсупоранда аз рӯи музди меҳнат ва дигар пардохтҳои ба он баробаркардашуда) |

Роҳбари ташкилоти қарзии молиявӣ ____________________ ____________________________

(имзо) (ном, насаб ва номи падар)

ҶМ

Замимаи 2
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____»_________ соли 2022,
№___

Тартиби интиқоли электронии огоҳиномаи ташкилоти қарзии молиявӣ дар бораи иҷро накардани (қисман иҷро кардани) супоришномаи пардохтии андозсупоранда ва супоришномаи инкассавии мақомоти андоз

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Огоҳиномаи ташкилоти қарзии молиявӣ дар бораи иҷро накардан (қисман иҷро кардан)-и супоришномаи пардохтии андозсупоранда ва супоришномаи инкассавии мақомоти андоз (минбаъд-огоҳинома) аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешниҳод карда мешавад.

2. Дар баробари ирсоли огоҳинома аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба мақомоти андоз маълумоти зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) ҳангоми пурра иҷро кардани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз - нусхаи иҷрошудаи супоришномаи инкассавӣ.

2) ҳангоми қисман иҷро кардани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз ва ё накардани он бинобар сабаби дар суратҳисоби бонкии андозсупоранда мавҷуд набудани маблағи пулӣ:

- нусхаи супоришномаи инкассавӣ барои қисми иҷрошуда;

- беруннависи суратҳисоби бонкӣ ба санаи пешниҳоди маълумот ҷиҳати тасдиқи мавҷуд набудани маблағ дар суратҳисоб;

- маълумотнома оид ба хароҷотҳои андозсупоранда аз рӯи музди меҳнат ва дигар пардохтҳои ба он баробаркардашуда.

3. Огоҳинома аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки ба онҳо қарори мақомоти андоз якҷо бо замимаи супоришномаи инкассавӣ ва санади муқоисавии аз ҷониби мақомоти андоз ва андозсупоранда бо тартиби муқарраргардида тасдиқшуда, ба истисноИ андозсупорандагони бемасъулият барои иҷро ирсол шудааст, дар муҳлати муайяншудаи банди 3) қисми 1 моддаи 125 Кодекси андоз пешниҳод карда мешавад.

4. Ташкилоти қарзии молиявӣ нисбати қарор ва супоришномаи инкассавии мақомоти андоз, ки иҷрои онҳо бо сабаби мавҷуд набудан (нокифоягӣ)-и маблағҳои пулӣ дар суратҳисоби андозсупоранда дар муҳлати дар банди 3 Тартиб муқарраршуда имконнопазир мебошад, дар давоми рӯзи дигари пас аз рӯзи ба охир расидани давраи муқарраршуда мақомоти андозро дар бораи иҷро накардан (қисман иҷро кардан)-и супоришномаи пардохтии андозсупоранда ва супоришномаи инкассавии мақомоти андоз огоҳ менамояд. Ҳамзамон ташкилоти қарзии молиявӣ оид ба рафти иҷрои қарор ва супоришномаи инкассавии мазкур (иҷро нашуда ё қисман иҷро шуда) ҳар моҳ ба мақомоти андоз огоҳинома пешниҳод менамояд.

5. Ҳангоми дар шакли электронӣ ғайриимкон будани пешниҳод намудани огоҳинома, ташкилоти қарзии молиявӣ маълумотро оид ба иҷро накардан (қисман иҷро кардан)-и супоришномаи пардохтии андозсупоранда ва супоришномаи инкассавии мақомоти андоз дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ дар шакли хаттӣ пешниҳод менамоянд.

## 2. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

6. Назорати иҷрои муқаррароти тартиби мазкур аз ҷониби мақомоти андоз ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ амалӣ карда мешавад.

7. Мақомоти андоз ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои риоя накардани муқаррароти Тартиб тибқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд.